**Шакли 1.**

**Дархост барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (аз ҷумла, таҳсилоти касбӣ)**

**113***** Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (аз ҷумла, таҳсилоти касбӣ)*

**1. Стратегияи бахш ва самтҳои асосӣ**

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ таҳия, танзим ва татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути иҷрои нақша ва барномаҳои милливу соҳавӣ, нақшаҳои амалиёти вазорат ва нақшаҳои байниидоравӣ амалӣ менамояд. Бо ин мақсад фаъолияти вазорат ва сохторҳои дахлдор ҷиҳати танзим ва таъмини самаранокии рушди бозори меҳнат, равандҳои муҳоҷирати дохиливу беруна, таъмини шуғли аҳолӣ ва фарогирии шаҳрвандон ба касбомузӣ равона мешавад.

**Сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат.**Мунтазам вобаста ба масъалаҳои тақвияти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва доир ба танзими он мунтазам чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ҳамин раванд, татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2024-2029, ки дар доираи татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 ва дигар санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ ва ҳифзӣ иҷтимоӣ таҳия гардидааст, барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакат бо роҳи танзими муносибатҳои меҳнатӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, инкишофи шуғли самаранок, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешрафти минбаъдаи муколамаи иҷтимоӣ равона гардидааст, амалӣ карда мешавад. Меҳнати арзанда ин воситаи таъмин намудани рушди устувори кишвар ва ҳадафи ниҳоии он ба ҳисоб рафта, барнома ҳамчун воситаи асосӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мусоидат менамояд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” ки аз меъёрҳои пешбинигардидаи татбиқи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392 тасдиқ шудааст, Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2000 Тоҷикистон ба он ҳамроҳ шуд, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №266 тасдиқ шудааст, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2014, № 169 «Дар бораи Рӯйхати корҳо, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои онҳо дастӣ бардоштан ва кашондан иҷозат дода мешавад» иҷрои муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, конвенсияҳои Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат (ТБМ) №138 “Оиди ҳадди ақали синну сол барои ба кор қабул кардан” (с.1993), №182 “Оиди манъ кардан ва аз байн бурдани шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдакон”(с.2005) ва Тавсияномаи Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат №190 “Оиди манъ намудан ва чораҳои зарурӣ андешидан ҷиҳати нест кардани шаклҳои бадтарини меҳнати ноболиғон бо ташаккул ёфтани муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат” бар меоянд амлӣ карда мешавад.

Айни ҳол новобаста аз чораҳои андешидашуда батанзимдарории ҳифзи меҳнати ноболиғон дар корҳои шароиташон номусоид, ки ба саломатӣ ё рушди онҳо зиёни маънавию рӯҳӣ мерасонанд, мавриди нигаронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқӣ

қарор гирифтааст.

Соли 2023 дар натиҷаи ҳамаи назорату санҷишҳои анҷомёфта аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии вазорат 13183 адад қонунвайронкуниҳо ошкор гардиданд, ки аз ин 9517 ҳолат ба масъалаҳои меҳнат, 2498 ҳолат ба масъалаҳои бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 76 ҳолат ба масъалаҳои муҳоҷират ва 1092 ҳолат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ иртибот дорад.

Ҳамзамон ҷиҳати татбиқи супоришҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти **танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ** чорабиниҳои аниқшуда амалӣ карда мешаванд. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, амалӣ карда мешавад.

Аз ҷумла, соли фаъолият дар соли 2023 дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №518 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024» ба роҳ монда шуда, ба 303 оилаи муҳоҷирони дохилӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмингардида, 1515000 (як милиону панҷсаду понздаҳ ҳазор) сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути сохторҳои КВД "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон барои пардохт интиқол дода шуд.

Дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №648 «Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023» барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ барои соли 2023 дар маҷмуъ ба 225 хоҷагӣ қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо гардидааст, ки 97 фоизи нақшаи солонаро ташкил дод.

**Шуғли аҳолӣ.** Доир ба масъалаи коҳиш додани сатҳи бекорию баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Бо ин мақсад Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодагари мундариҷаи сиёсати давлатӣ дар самти рушди минбаъдаи шуғли бомаҳсули аҳолӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), ки дар он сиёсат дар соҳаи васеъ гардондани шуғли бомаҳсул ҳамчун яке аз чор афзалиятҳои асосии рушди кишвар муқаррар гардидааст, татбиқ карда мешавад.

Дар робита ба ҳамин, Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 моҳи августи соли 2023 тасдиқ гардида, мавриди татбиқ қарор дорад. Мутобиқи нақшаи амали барномаи мазкур ҷиҳати коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ ва расмикунонии он пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, иҷрои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ба роҳ монда шуда, самаранок иҷро гардидани чорабиниҳои он мунтазам мавриди мониторинг қарор дода мешавад. Аз ҷумла дар соли 2023 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 142254 нафар шаҳрванд муроҷиат намуд, ки аз ин шумора 106579 нафари онҳо ҳамчун корҷӯ ба қайд гирифта шуда, ба 60305 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ 72798 нафар шаҳрванд бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 8417 нафар ва ба воситаи ташкили корҳои фардӣ 2802 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 6261 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуда, 20700 нафар тибқи роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар марказҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта ва ба 15714 нафар кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ таъин ва пардохт гардидааст. Аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли ҳисоботӣ бо мақсади мусоидат намудан ба шаҳрвандон барои дарёфти ҷойи кор 1003 маротиба ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 23615 нафар шаҳрванди бекор ва корҷӯ ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шудаанд. Аз ҷумла, тавассути ташкил ва баргузор намудани ярмаркаҳо 12597 нафар корҷӯ соҳиби

ҷойи кор гардида, ба 9019 нафар роххат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 1999 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардидаанд. Ҳамин тавр, дар соли 2023, дар маҷмуъ 215293 нафар аз хизматрасониҳои давлатии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ истифода намуданд.

**Таҳсилоти калонсолон ва рушди ҳунармандӣ.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ҳамасола 58 000 нафар) бояд ҷалб карда шаванд. Бо дарназардошти зарурати рушди низоми бозомӯзӣ, такмили ихтисоси коргарони зинаи миёна ва муҳоҷирони меҳнатӣ сардории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз ду маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Бо ин мақсад муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касби, аз чумла тахсилоти калонсолон фарогирии шахрвандони кишварро бо таҳсилоти касбӣ ба андозаи на кам аз 10%-и хатмкунандагон ва то 100 ҳазор нафар касбомузонро таъмин менамоянд.

Бо дарназардошти зарурати рушди низоми бозомӯзӣ, такмили ихтисоси коргарони зинаи миёна ва муҳоҷирони меҳнатӣ сарбории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз ду маротиба афзоиш хоҳад ёфт.

Тибқи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуктаҳои рушди институтсоналии таҳрикдиҳанда ва ҷиддӣ чунин муайян шудаанд:

- рушди низоми аттестатсияи омӯзгорон ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;
- таъмини тағйирпазирӣ (чандирӣ)-и барномаҳои таълим, аз ҷумла дар асоси ҷорӣ намудани низоми таҳияи модулии барномаҳо;
- таъмини иртиботи дониши касбӣ ва малакаи амалӣ (ташаккули стандартҳои таълимӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби корхонаву ташкилотҳо, пешбурди ҷараёни таҳсилот бо истифода аз иқтидорҳои корхонаҳои азим, ташкили майдончаҳои истеҳсолии таълимӣ);
- дастгирии рушди низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бо самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар ҳамоҳанг сохта шудааст (таҳкими заминаи моддию техникӣ, алоқа бо корхона ва ташкилотҳо-корфармоёни ояндаи хатмкунандагон, рушд ва баланд бардоштани самаранокии низоми машварати касбии ҷавонон, ташкили низоми озмунҳои минтақавӣ аз рӯйи ихтисосҳои корӣ);
- ошкор намудани талабот ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълим, ки ба таъсиси ихтисос ва бозомӯзии касбҳои нав ҷиҳати истифода аз технологияҳои ба муҳити зист, ба самаранокии нерую захираҳо алоқаманд мебошад, равона шудааст ва ҳайати кадриро барои «шуғли сабз» ташаккул медиҳад;
- андешидани маҷмӯи тадбирҳо дар самти таъмини дастрасии шахсони дорои имконияти маҳдуд ба таҳсилоти касбии босифат, **аз ҷумла,** вобаста ба натиҷи фосилавии 4.2.1 Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023-и Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Нерӯи кадрии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ баланд бардошта шудааст).

Банди 65. Қабили зикр аст, ки давоми соли 2023 сохтмони биноҳои литсейи касбии техникӣ (комплекс) дар ноҳияҳои Қубодиён, Панҷ, Фархор идома ёфта, бо мақсади зиёд намудани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ сохтмони 2 литсейи касбии техникӣ дар ноҳияҳои Балҷувон ва Ванҷ тарҳрезӣ ва ба нақша гирифта шудааст.

Банди 66. Дар сохтори вазорат Муассисаи давлатии «Литсейи касбии маъюбони шаҳри Душанбе" ва филиали он дар ноҳияи Рӯшон амал мекунад, ки хонандагон аз ҳисоби шахсони ниёзманди ҷомеа, маъюбон, ятимон, бепарасторон ва нафароне, ки волидайнашон маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 мебошанд, ба таҳсил ва ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

Синфхонаҳо ва устохонаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи Литсейи касбии маъюбони шаҳри Душанбе бо тамоми таҷҳизотҳои таълимӣ ҷиҳозонида шуда, ба талаботи барномаҳои таълимӣ ҷавобгӯ мебошанд. Роҳравҳо ва зинаҳои баромадан ба ошёнаҳои боло барои маъюбон мувофиқ карда шудааст. Дар литсейи мазкур аз руйи 8 ихтисос хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, талаботи шахсони имконияташон маҳдуд ба ихтисосҳои "Пойафзолдӯз" ва "Радиомеханик оид ба таъмир ва хизматрасонии дастгоҳҳои радио ва телевизион» хеле зиёд аст.

Банди 67. Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон дар интихоби бошууронаи касб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тарафи кормандони Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" бо 23181 нафар хатмкунанда машваратҳои гурӯҳӣ, электронӣ ва равонӣ гузаронида шуд, ки аз ин теъдод ба ВМКБ 1539 нафар, вилоятҳои Суғд 5061 нафар, Хатлон 4662 нафар, ШНТҶ 6457 нафар ва шаҳри Душанбе 5462

нафар рост меояд.
Дар давоми соли 2023 мутахассисони маркази мазкур доир ба мавзуъҳои “Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар марҳилаи имрӯза”, “Муайян намудани рақобатпазирии шуғли ҷавонони имрӯза дар бозори меҳнат ва арзишҳои онҳо”, “Интихоби касб - талаби замон” ва “Интихоби ихтисос ва муассисаи таҳсилоти касбӣ” бо 8300 нафар, инчунин дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холи ва вазифаҳои озоде, ки дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ баргузор мегарданд, ҳамагӣ бо 12198 нафар ҷавонон ва корҷӯён тадқиқотҳои сотсиологӣ гузарониданд.
Банди 69. Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандоне, ки касбу ҳунар надоранд, саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ, аз ҷумла калонсолон, занону духтарон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони бешуғл, маъюбон ва табақаҳои дигари осебпазир ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон аз ҷониби вазорат лоиҳаи Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида.ю бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 31 декабри соли 2020, №703тасдиқ гардид. Нақшаи чорабиниҳои барномаи мазкур аз 41 банд иборат буда, муддати панҷ соли татбиқ ба касбомӯзӣ ҷалб намудани як миллион шаҳрванд пешбинӣ шуда, вазорат вобаста ба иҷрои барномаи мазкур тибқи тартиби муқаррраргардида унвонии Ҳукумати Чумҳурии Точикистон маълумотномаи муфассал манзур менамояд.
Махсус зикр кардан зарур аст, ки татбиқи самараноки Лоиҳаи иттиҳоди Аврупо вобаста ба иҷрои сифатноки барномаи мазкур таъсири мусбӣ расонид.

Ҳамчунин, бо мақсади ҷалб намудани қуваи кории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати вазорат дар давраи баррасишаванда ба 256 субъектҳои хоҷагидор иҷозатнома дода шуда, феълан тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда шумораи кормандони хориҷӣ дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо 3506 нафарро ташкил медиҳад.
Ҷиҳати **таҳия, коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои касбӣ (дар асоси салоҳият) а**з ҷониби Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассиса ва ташкилотҳои давлатию хусусӣ дар доираи Лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ» лоиҳаи 13 номгӯй стандартҳои салоҳият аз рӯйи касбҳои гуногуни соҳаи сохтмон ва лоиҳаи 3 номгӯй стандартҳои салоҳият аз рӯйи касбҳои фермер-истеҳсолкунандаи мева ва сабзавот, андовачӣ – рангуборчӣ ва таъмиргари компютерҳо ва телефонҳои мобилӣ ва лоиҳаи 7 номгӯй барномаҳои таълимии модулӣ барои касбҳои «Фермер-истеҳсолкунандаи мева ва сабзавот», «Устои таъмиргари кондитсионер ва яхдонҳои маишӣ», «Андовачӣ-рангуборчӣ», «Таъмиргари компютерҳо ва телефонҳои мобилӣ», «Коргари коркарди мева ва сабзавот», барномаҳои таълимии модулӣ доир ба «Малакаҳои соҳибкорӣ», «Малакаҳои маъмурӣ, рақамӣ, соҳибкорӣ ва молиявӣ барои занҳое, ки зинаи таҳсилоти асосиро хатм накардаанд» ва 2 дастурҳои таълимӣ оид ба «Малакаҳои соҳибкорӣ» ва «Малакаҳои маъмурӣ, рақамӣ, соҳибкорӣ ва молиявӣ барои занҳое, ки зинаи таҳсилоти асосиро хатм накардаанд» баррасӣ гардида, қарори дахлдор қабул карда шуд.
Илова бар ин, **барои таҳия намудани нақша ва барномаҳои насли нави таълимӣ барои касбу ихтисосҳо** соли 2023 аз ҷониби Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 номгӯй барномаи таълимӣ бо муҳлати таҳсили 1-2 сола аз рӯйи ихтисосҳои «Андовачӣ» 20 адад ва «Техник-метеоролог» 20 адад, 11 номгӯй барномаҳои таълимӣ барои курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ба муҳлати таҳсили 1-3-моҳа аз рӯйи касбҳои «Алочабоф» 20 адад, «Дӯзанда-либосдӯз» 50 адад, «Чангакбанд» 20 адад, «Шерози ҷома» 20 адад, «Гаҳворасоз» 20 адад, «Туроператор» 10 адад, «Турагент» 10 адад, «Роҳбалад (барандаи экскурсия)» 10 адад, «Таъмири асбобҳои рӯзгор» 10 адад, «Омӯзиши забони англисӣ» 10 адад, «Картошкапарварӣ» 10 адад, ҷамъ 200 адад нашр гардид.

Инчунин, аз чониби мутахассисони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамои касбӣ”-и Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вазорат таҳияи тестҳо, нақшаю пурсишномаҳои нави машваратҳои касбӣ, равонӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, мутобиқи меъёрҳои касбӣ, ташкили фонди тестҳо (бо ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, мизҳои мудаввар, вохӯриҳо) ба роҳ монда шуда, пурсишномаҳои нави машваратӣ, аз ҷумла «Методикаи фаъолкунандаи роҳнамоии касбӣ», тестҳои электронии муайян намудани шавқу ҳавас ва хусусиятҳои фардии хонандагон ва бекорон «Экспресс-ташхиси касбӣ», «Тестҳои равонӣ-психологӣ барои бекорон», «Тестҳои электронии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ», «Анкета», «Профил», «Профнавигатор», “Маҳорати

одамшиносӣ”, “Тести хушмуоширатӣ”, “Дараҷаи мустақилӣ”, “Ташхиси пуртоқатӣ”, “Дараҷаи худбаҳодиҳӣ” таҳия шуда, айни ҳол зиёда аз 30 намуд тести элктронӣ ва 6 намуд пурсишномаи тадқиқоти сотсиологӣ мавриди амал қарор доранд.

Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон дар интихоби бошууронаи касб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тарафи кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” бо 23181 нафар хатмкунанда машваратҳои гурӯҳӣ, электронӣ ва равонӣ гузаронида шуд, ки аз ин теъдод ба ВМКБ 1539 нафар, вилоятҳои Суғд 5061 нафар, Хатлон 4662 нафар, ШНТҶ 6457 нафар ва шаҳри Душанбе 5462 нафар рост меояд.

Ҷиҳати шиносоӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимии системаи вазорат сомонаҳои интернетӣ таъсис дода шудааст ва тавассути онҳо корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ба роҳ монда шудааст.
Айни замон довталабон имкон доранд ба портали ягонаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ворид гардида, оид ба фаъолияти онҳо ва касбу ихтисосҳои омӯхташаванда шинос шаванд.

Илова бар ин, сомонаи “Маҳзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ” www.kor.tj, www.shugl.tj, www.kasb.tj ва www.rohnamoikasb.tj фаъол буда, шаҳрвандон метавонанд, ки барои дарёфти ҷои кор ва дигар хизматрасониҳои давлатии иҷтимоӣ бархурдор гарданд.
Ҳамчунин, бо мақсади бештар намудани шабакаҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва дар ин замина дастрасии калонсолон ба таълими касбии босифат 4 филиал, дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ, шаҳри Гулистон, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шаҳри Норак таъсис дода шуда, шумораи филиалҳо ба 38 адад расид.

Илова бар ин, соли 2023 дар доираи лоиҳаи “Таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ” ҷиҳати фароҳам овардани шароити таълим ба шахсони дорои имконияти маҳдуд ба филиалҳои Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғ, Шуғнон, Ишкошим ва Кӯлоб 10 адад аробачаҳои худгард (электроколяска - ступенкаход) дастрас карда шуд. Иқдоми мазкур дар марказҳои таълими калонсолон бори аввал буда, имконият медиҳад, ки шахсони дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ аз хизматрасониҳои таълимӣ бемамоният истифода баранд.

Ҳамзамон вазорат бо мақсади фароҳам овардани шароити муносиби зиндагӣ ба кӯдакони ятими кулл ва бепарасторон чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда, дар 60 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии соли 2023 18899 нафар хонанда (5030 нафар духтар) таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 211 нафар (53 духтар) маъюб, 46 нафар (10 духтар) ятими кулл, 689 нафар (195 духтар) нимятим мебошанд.

Давоми соли 2023 дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он 34822 нафар шаҳрвандон ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва валидатсия ҷалб гардиданд.

Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосири назди онҳо курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро 13 ҳазору 644 нафар шаҳрвандон аз рӯйи 48 касбу ҳунар хатм намуданд, ки 4 ҳазору 765 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва меҳнати хонагӣ, аз қабили қолинбофӣ, заргариву зардӯзӣ, кандакориву гаҷкорӣ, наққошиву мисгарӣ ва даҳҳо касбу ҳунарҳои суннатӣ ва дар айни замон касбу ҳунарҳои замонавӣ, аз ҷумла таъмиргарони таҷҳизоту технологияҳои электронӣ Вазорати маориф ва илм ба муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба омода намудани касбҳои коргарӣ фаъолият менамоянд, ҷиҳати такшили курсҳои омӯзишӣ нақшаҳои таълимии онҳоро тасдиқ ва дастрас намудааст.

Ҳамзамон вобаста ба ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзӣ ва паркҳои технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ шудааст.Бояд дарҷ намуд, ки ҷиҳати ф**арогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии бахши хусусӣ а**з ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 115 муассисаи таҳсилоти иловагӣ барои пешбурди фаъолияти таълимии курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ иҷозатнома дода шуд.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ 389 адад марказҳои омӯзишӣ дар асоси иҷозатнома фаъолият карда истодаанд, ки аз инҳо 221 адад маркази касбомӯзӣ ва 168 адад маркази забономӯзӣ мебошанд.

Аз 221 адад марказҳои касбомӯзии ғайридавлатӣ 207 адади онро маркази ғайридавлатии

ронандатайёркунӣ (Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа ва Ташкилоти ҷамъиятии Иттифоқи автомобилчиёни Тоҷикистон) ташкил медиҳанд.

Бо мақсади зиёд намудани майлу рағбати шаҳрвандон дарёфт ва тарбияи истеъдодҳо, инкишоф додани қобилияти зеҳнӣ ва маҳорати касбии хонандагон дар муассисаҳои давлатии таълимии системаи вазорат маҳфилҳои фаннӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷумла, маҳфилҳои «Техникони ҷавон», «Ҳунарҳои миллӣ», «Қолинбофӣ», «Ҳомиёни Ватан», «Соҳибистеъдод», «Гулдаст», «Дӯзанда», "Математикаи сеҳрнок", "Физика дар касби мо" ва "Химикони ҷавон" фаъолият менамоянд, ки ҳар кадом то 30 нафарӣ аъзо доранд. Маҳсули кори эҷодии хонандагон дар намоишгоҳи муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд.

Дар маҷмуъ, бояд зикр намуд, ки танҳо дар соли 2023 аз ҷониби муассисаҳои таълимии системаи вазорат ва маълумотҳои пешниҳодгардидаи вазорату идораҳои дахлдор маҷмуан **217969** нафар шаҳрвандони бешуғл ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд, ки 70 638 (зиёда аз 32%) нафари онро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Банди 71. Бо мақсади азнавсозии низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ рамзгузории 26 ихтисоси ҳадафӣ аз рӯйи стандартҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ISCO-2008) амалӣ карда мешавад ва бо ин талабот стандартҳои салоҳият (касбӣ), нақшаю барномаҳои таълимӣ таҳия шуда, Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши дахлдори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Банди 72. Бо мақсади тақвият бахшидан ва такмил додани таълими инноватсионӣ - иттилоотӣ дар раванди таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳлили вазъи таҷҳизотҳои мултимедӣ аз ҷумла, проектор, тахтаи электронӣ, компютерҳоро нишон медиҳад, ки барои пайваст намудани онҳо ба шабакаи Интернет мусоидат менамояд.

Вазъи таъминоти мултимедӣ ва фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таълимӣ дар соли 2023 бе тағйир боқӣ монда, дар синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 3024 адад компютерҳои фардӣ, 631 адад принтер, 258 адад проектор ва 129 адад тахтаи электронӣ мавриди истифодабарӣ қарор доранд. Аз ин миқдор дар соли 2023 640 адад компютер, 174 адад принтер, 53 адад проектор ва тахтаҳои электронӣ 9 адад аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва дастгирии сарпарасторони соҳа дастрас шудааст.

Банди 73. Дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд «Барномаи электронии низоми мониторинг» таҳия ва дар 58 синфхонаи компютерии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 983 адад компютер аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе – 174 адад компютер, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ- 149 адад, ВМКБ- 20 адад, вилояти Хатлон- 284 адад ва вилояти Суғд – 356 адад компютер насб карда шуд, ки дар Барномаи мазкур 563 тест дар бахшҳои умумӣ-гуманитарӣ, табиӣ ва риёзӣ, 708 тест дар бахшҳои тахассусӣ, дар маҷмӯъ 1271 тест ворид карда шудааст.

Банди 76. Дар сохтори вазорат Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» фаъолият менамояд, ки стандартҳо, нақшаю барномаҳо ва дастурҳои таълимиро барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳия менамояд. Бо мақсади огоҳсозии кормандони муҳандисию омӯзгорӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо навоварию навгониҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ сомонаи интернетии маркази мазкур www.mtm-mst.tj фаъол буда, дар он мунтазам маводи тозанашр ва иттилооти зарурӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти марказ ворид карда мешаванд. Дар соли ҷорӣ 34 ҳазору 572 нафар истифодабарандагон аз он истифода намуданд, ки дар муқоиса ба соли 2022 - 238 нафар истифодабаранда зиёд мебошад.

Банди 77. Дар соли 2023 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро 7 334 нафар аз рӯйи 54 ихтисос хатм намуданд, ки 2 191 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

Аз теъдоди умумии хатмкардагони (7334 нафар) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2 264 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шуда, 1 639 нафар барои идома додани таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохилгардида, 701 нафар ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ даъват шуда, 1 541 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, 1 189 нафар бо ҷойи кор таъмин нашуданд.

Банди 78. Соли 2023 баҳри баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва расонидани кумакҳои методӣ бо директорон, кормандон ва омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи барнома ва нақшаи таълимӣ тибқи Нақшаи гузаронидани курсҳои такмили ихтисос 28 курс (477 нафар) дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 3

адад (45 нафар) бо кормандони системаи таълими калонсолон гузаронида шуд.

Банди 80. Дар литсейҳои касбии техникии ҷумҳурӣ 1 569 нафар омӯзгор (712 нафар зан) фаъолият доранд. Аз инҳо, 1267 (80,7%) бо таҳсилоти олии касбӣ, 232 нафар (15%) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 70 нафар (4,4%) бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият доранд.Ҳамчунин, 904 нафар (108 зан) устоҳои таълими истеҳсолӣ фаъолият доранд, ки аз инҳо 398 нафар (44,0%) бо таҳсилоти олии касбӣ, 376 нафар (41,5%) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 130 нафар (14,3%) бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият карда истодаанд. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки ҳаҷми миёнаи сарбории ҳайати омузгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ қариб ду меъёри сарбориро (1,8) ташкил медиҳад. Ин далели норасоии кормандони соҳибихтисос дар таҳсилоти касбӣ буда, дар ин самт бояд чораҳои мушаххас амалӣ карда шаванд.

Банди 81. Аз ҷониби мутахассисони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамои касбӣ”-и Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пурсишномаҳои нави машваратӣ, аз ҷумла «Методикаи фаъолкунандаи роҳнамоии касбӣ», тестҳои электронии муайян намудани шавқу ҳавас ва хусусиятҳои фардии хонандагон ва бекорон «Экспресс-ташхиси касбӣ», «Тестҳои равонӣ-психологӣ барои бекорон», «Тестҳои электронии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ», «Анкета», «Профил», «Профнавигатор», “Маҳорати одамшиносӣ”, “Тести хушмуоширатӣ”, “Дараҷаи мустақилӣ”, “Ташхиси пуртоқатӣ”, “Дараҷаи худбаҳодиҳӣ” ва зиёда аз 30 намуд тести электронӣ ва 6 намуд пурсишномаи тадқиқоти сотсиологӣ мавриди амал қарор гирифтанд.Тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҷрибаомӯзии хонандагонро ба низоми муайян дароварда, вобаста ба ин, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо як қатор корхонаю ташкилотҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳамкорӣ ба роҳ мондаанд.

**2. Заминаи ҳуқуқӣ ва принсипҳои роҳбарикунандаи сиёсати давлат дар соҳа**

Ҳадафу вазифаҳои стратегӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳа дар чорчубаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барнома ва нақшаҳои дароз ва миёнамуҳлати милливу соҳавӣ муайян карда мешавад ва дар фаъолияти сохторҳои соҳавӣ ҷиҳати иҷро ва дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегӣ асоси банақшагирии амалӣ мебшад.

Феълан дар вазорат Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Нақшаи амал барои солҳои 2023-2027 мунтазам татбиқ гардида, маблағгузории он аз ҳамаи сарчашмаҳо ба таври зайл ба нақша гирифта шудааст:

| солҳо | ФҲИҶТ | Буҷети ҷумҳурявӣ | Буҷети маҳаллӣ ва сарчашма-ҳои дигар |
|---|---|---|---|
| 2023 | 20000,0 | 17505,0 | 4226,1 |
| 2024 | 21500,0 | 17698,5 | 4676,9 |
| 2025 | 23220,0 | 17892,0 | 5026,0 |
| 2026 | 25089,9 | 18900 | 5377,8 |
| 2027 | 26630,4 | 20340,0 | 5754,3 |

Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки дар соли 2024 1 млн. 54 ҳазор сомонӣ, Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар соли 2024 580 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Маблағгузории ин барномаҳо дар Дархости мазкур ҳисоб ва пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, ҳадафи стратегии: **Дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилоти касбӣ**. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ҳамасола 58 000 нафар) бояд ҷалб карда шаванд. Бо дарназардошти зарурати рушди низоми бозомӯзӣ, такмили ихтисоси коргарони зинаи миёна ва муҳоҷирони меҳнатӣ сарбории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз ду маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафи мазкур ҳамасола нақшаи фарогирии шаҳравандони ҷумҳурӣ бо барномаҳои касбомузӣ таҳия ва татбиқ мешавад. Нақшаи фарогирӣ аз ҳисоби манбаҳои гуногуни маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ҷиҳати таъмин намудани иҷрои ҳадафи мазкур инчунин аз

ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Таҳия ва иҷрои онҳо дар раванди банақшагирии буҷет пешниҳод гардида, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда таъмин карда мешавад. Ҳисоби нишондиҳандаҳои хароҷоти заминавӣ ва Дархост барои маблағгузории ташаббусҳои нав пешниҳод карда мешавад.

***Ҳамоҳангӣ бо ҲРУ***

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва инчунин Ҳадафҳои рушди устувор равона мешавад. Дар ин раванд фаъолияти Вазорат ва сохорҳои он барои дастрасӣ ба ҳадафҳои мушаххаси зерин сафарбар карда мешавад:

ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама

ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама

ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон.

3. **Нишондиҳандаҳои(шохиси) дарозмуҳлати (ниҳоии) натиҷанокӣ барои ҳар яке аз ҳадафҳои стратегии соҳа.**

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526

## 4. Таҳсилоти ибтидии касбӣ

**Ҳадафи умумӣ: То соли 2030 таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд.**

**Натиҷаи 4.1 (Афзалияти 1-и сиёсат): Ҳамаи занон ва мардон ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ дастрасии баробар доранд.**

**Натиҷаи 4.1.1: Беҳтар намудани дастрасии ҳама ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тавассути тавсеа ва навсозии инфрасохтор ва фароҳам овардани муҳити мусоид.**

| Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият | | 20 19 / 20 соли хониш (соли асосӣ) | 2021-2023 _ | 2024-2026 _ | 2027-2030 _ | Шарҳҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳиссаи онҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳсил мекунанд (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 36,6% | 36,0% | 36,0% | 36,0% | -- |
| | - мардон | 28,1% | 27,0% | 26,0% | 25,0% | |
| | - занон | 8,5% | 9,0% | 10,0% | 11,0% | |
| 2 | Фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умуми дар зинаи ТИК (ба ҳисоби фоиз). | 15,0% | 17,0% | 20,0% | 25,0% | -- |
| 2 | Ҳиссаи донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои ТИК таҳсил мекунанд, дар шумораи умумии донишҷӯёни таҳсилоти касбӣ (ба ҳисоби фоиз). | 17,0% | 20,0% | 25,0% | 30,0% | -- |
| 4 | Фарогирии одамони дорои имконияташое маҳдуд дар МТИК: | 0,60% | 5,0% | 30,0% | 50,0% | SDG таъсир 4.5.1 |
| 5 | Шумораи ҷойҳои навтаъсис дар муассисаҳои ТИК | 8821 | 30000 | 40000 | 50000 | -- |
| 6 | Ҳиссаи муассисаҳоиТИК -и замонавӣ, ки биноҳои онҳо барои маъюбон мутобиқ карда шудаанд (ба ҳисоби | 10,0% | 20.0 | 40,0 | 60,0 | -- |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | фоиз), | | | | | Нишондиҳанда қаблан пайгирӣ карда нашудааст |
| | Ҳиссаи заноне, ки дар барномаҳои таълимии навтаъсиси ТИК фаро гирифта шудаанд (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | Маълумот нест | 10,0% | 15,0% | 25,0% | |
| | - дар марказҳои таълими калонсолон. | Маълумот нест | 20,0% | 25,0% | 35,0% | |
| 8 | Ҳиссаи муассисаҳои ТИК бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 45,0% | 47,0% | 50,0% | 55,0% | -- |

**4. Фарзия ва асоснокқуниҳо**

*Шарҳи асосҳо ва фарзияҳои дар ҳисбои хароҷот истифода шуда дар шаклҳои 1,2 доир ба ҳар барномаи буҷетӣ оварда шудааст.*

*Бояд қайд намуд, ки истифодабарии гуруҳбандии вазифавии буҷет, ки дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир шудааст бинобар сабаби номувофиқ будан бо рамзҳо ва номгузории ГВБ дар НИИМД, дар рафти ҳисоби буҷети замиавӣ истифода карда нашуда хароҷотҳо дар гуруҳбандии барномавӣ ҳисоб ва пешниҳод мешаванд.*

**Шакли 1.1. Нишондихандахои заминавии хароҷоти ҷорӣ (*ҳазор сомонӣ)***

| | | | Хароҷоти заминавӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2023 (ичро)** | **2024 (нақша)** | **2025** | **2026** | **2027** |
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* |
| **МАБЛАҒИ УМУМӢ (соха)** | **347 400** | **403 192** | **478 127** | **497 724** | **518 693** |
| **Рушди таҳсилоти ибтидоии касбии босифат** | **183 931** | **214 980** | **386 578** | **449 656** | **505 455** |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 183 181 | 214 151 | 385 539 | 448 304 | 503 885 |
| Иктидори кадрии кормандон дар таҳсилоти ибтидоӣ касбӣ (Такмили ихтисос) | 751 | 829 | 1 039 | 1 352 | 1 570 |
| Рушди сифат ва мазмуни таҳсилоти ибтидоии касбӣ (Маркази методи, лоиха) | 91 314 | 112 720 | 201 336 | 268 884 | 367 747 |
| Таълими касбии калонсолон | 19 926 | 21 781 | 27 404 | 31 760 | 36 831 |

Ҳисоби заминавии зербарномаҳои буҷетӣ (Шакли 1.2.) замима мегардад.

**Дархост барои маблағгузории ташаббусҳои нави буҷетӣ дар солҳои 2025-2027**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон | | | |
| | | | |
| | | | **Ҳазор сомонӣ** |
| | **2025** | **2026** | **2027** |
| 1) Такмили стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ (нақшаҳо) | **6000** | | |
| 2) Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ | **6000** | | **-** |
| 3) Низоми иттилооти идоракунии таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла таълими калонсолон ва миёнаи касбӣ | **9850** | | |
| 4) Рақамикунонии таълим ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ(ТТИК) | | **500** | |
| **МАБЛАҒИ УМУМӢ** | **21 850** | **34000** | |

Шарҳи муфассал ва асоснокии дархост

Ташаббусҳои пешниҳодшуда бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои афзалиятнок оид ба ислоҳоти СМРМ 2030: 4.3.6 - «Таҷдиди барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро ташаккул медиҳанд ва ба талаботи бозори берунӣ ва дохилии меҳнат дар асоси талаботи тахассуси миллӣ ҷавобгӯ мебошанд. Чаҳорчӯба ва стандартҳои касбӣ»; 4.3.11 - «Модернизатсияи стандартҳои касбӣ ва таълимӣ дар асоси стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ»; 4.5.9 - «Ҷорӣ намудани шаклҳои нави шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф» тахия ва пешниҳод шудаанд. Бо мақсади мусоидат дар амалисозии тадбирҳои мазкур  Барномаи дастгирии буҷет, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо пешниҳод мешавад ба нақша гирифта шудааст (Индикаторҳои 3 – 6 матрисаи амалиёт). Дар ҳолати пурра ва саривақт иҷро нагардидани  тадбири мазкур ҳаҷми маблағи дастгирии буҷет ба андозаи 1 млн. евро барои ҳар як тадбир кам карда мешавад. Дар замима ба Дархости мазкур ҳисоби муфассали тадбирҳо пешниҳод карда мешавад. Дар назар аст, ки барои амалӣ намудани тадбирҳои мазкур инчунин кумаки техникӣ ва маблағгузории беруна низ ҷалб карда мешавад. Бино бар ин, хароҷот барои фаъолияти машваратӣ, коркард ва таҳияи стандарту барномаҳо, омузонидани омузгорону муатхассисон ҳисоб карда нашудааст.

Пешниҳод карда мешавад, ки Дархости мазкур ҳамчун зербарномаи алоҳидаи Барномаи буҷетии “Рушди таҳсилоти ибтидоии касбӣ” дар буҷети Дастгоҳи марказии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ пешбинӣ карда шавад.  Ҳисоби мушаххас замима мегардад.

Дархост барои маблағгузории тадбирҳои нав

1. **Такмили стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ (нақшаҳо)**

| | |
|---|---|
| Мақсади ташаббуси нави афзалиятнок | Ташаккули механизми самараноки таҳияи стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ (нақшаҳо) бо ҷалби корфармоён ва ҷалби онҳо ба дигар ҷанбаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК) |
| Нишондиҳандаҳои мақсаднок (миқдорӣ) ва натиҷаҳо | Стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ барои на камтар аз 20 касбҳои афзалиятноки ТИК (аз онҳо ҳадди ақал 8- саноатӣ, аз ҷумла 2-тоаш ба иқтисоди сабз ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия алоқаманд, такмили 90% муаллимони ТИК ва омӯзгорони МТК барои таълими стандартҳои нав |
| Истинод ба сиёсати давлатӣ/ҲРУ | ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама<br>ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон<br>ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, |

<table>
<tr><td></td><td colspan="3">шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама</td></tr>
<tr><td>Шарҳи муфассали ташаббуси афзалиятнок</td><td colspan="3">Такмили стандартҳои таълимӣ, барнома ва нақшаҳои таълимӣ барои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълимии калонсолон (20 адад) ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ аз рӯи 20 ихтисоси афзалиятнок; таъмин намудани ин муассисаҳо бо таҷҳизоти ва маводҳои зарурии таълимӣ ва китобҳои дарсӣ.</td></tr>
<tr><td>Истинод ба Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030</td><td colspan="3">4.3.6 - «Таҷдиди барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро ташаккул медиҳанд ва ба талаботи бозори берунӣ ва дохилии меҳнат дар асоси талаботи тахассуси миллӣ ҷавобгӯ мебошанд. Чаҳорчӯба ва стандартҳои касбӣ»; 4.3.11 - «Модернизатсияи стандартҳои касбӣ ва таълимӣ дар асоси стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ»; 4.5.9 - «Ҷорӣ намудани шаклҳои нави шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф».</td></tr>
<tr><td colspan="4">Хароҷот дар гурӯҳбандии иқтисодӣ (ҳазор сомонӣ)</td></tr>
<tr><td>солҳо</td><td>2024</td><td>2025</td><td>2026</td></tr>
<tr><td>Ҳамагӣ</td><td></td><td>6000</td><td></td></tr>
<tr><td>Хароҷот барои мол ва хизматрасониҳо (22),</td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Хароҷоти асосӣ (2814)</td><td></td><td>6000</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">2. Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ</td></tr>
<tr><td>Мақсади ташаббуси нави афзалиятнок</td><td colspan="3">Дастрасии таҳсилоти ибтидоии кабӣ барои донишҷӯёни дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимидошта (аз ҷумла онҳое, ки дорои маълулият мебошанд) васеъ карда мешавад</td></tr>
<tr><td>Нишондиҳандаҳои мақсаднок (миқдорӣ) ва натиҷаҳо</td><td colspan="3">Шароити ҷисмонии на камтар аз 20 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон, ки 20 ихтисоси афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбиро меомӯзонанд, мутобиқи стандартҳои миллӣ барои хонандагони эҳтиёҷоти махсус (аз ҷумла маъюбон) пурра мутобиқ карда шудаанд. Маҷмӯаҳои маводҳои таълимию методӣ барои омода кардани шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилотӣ аз рӯи 3 ихтисоси афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳия гардида озмуда мешаванд</td></tr>
<tr><td>Истинод ба сиёсати давлатӣ/ҲРУ</td><td colspan="3">ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама<br>ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон<br>ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама</td></tr>
<tr><td>Шарҳи муфассали ташаббуси афзалиятнок</td><td colspan="3">Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимидошта (аз ҷумла онҳое, ки дорои маълулият мебошанд) аз соли 2023 дар 5 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва соли 2024 дар 15 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ корҳои таъмиру тармим ва таҷҳизонидани синфхонаҳо ва устохонаҳо амалӣ карда мешаванд. Маҷмӯаҳои маводҳои таълимию методӣ барои омода кардани шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилотӣ аз рӯи 3 ихтисоси афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳия ва санҷида шуда, камаш 90% муаллимони таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва устодони таълими истеҳсолӣ, ки ба таълими 3 ихтисоси афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷалб карда мешаванд, усулҳои кор бо донишҷӯёни дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилотро меомузанд. Бинобра сабаби он ки соли 2023 маблағ барои оғози кор дар 5 муассиса ҷудо шуда буд, дар соли 2024 илова ба он 12000 ҳазор мсомонӣ лозим аст</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td>Истинод ба Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030</td><td colspan="3">4.3.1 - «Сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои нав ва таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»; 4.3.3 - «Таъмини хусусияти фарогири таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»: 4.3.9 - «Таҳияи механизми нави мусоидат ба шуғли хатмкунандагон, аз ҷумла маъюбон».</td></tr>
<tr><td colspan="4">Хароҷот барои гурӯҳбандии иқтисодӣ (ҳазор сомонӣ)</td></tr>
<tr><td>солҳо</td><td>2025</td><td>2026</td><td>2027</td></tr>
<tr><td>Ҳамагӣ</td><td>6000</td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>аз ҷумла</td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Хароҷот барои мол ва хизматрасониҳо (2215),</td><td>6000</td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Хароҷоти асосӣ (2814)</td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">3. Низоми иттилооти идоракунии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, аз ҷумла таълими калонсолон</td></tr>
<tr><td>Мақсади ташаббуси нави афзалиятнок</td><td colspan="3">Таҳия, ташаккул ва корбарии низоми иттилоотии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон дар ТКТ, ки бояд ҳадди ақал маълумотро дар бораи (i) ҷинс, (ii) дохилшавӣ, давомот ва хатм, (iii) дастовардҳои таълимӣ дар бар гирад; (iv) кормандон; (v) захираҳои моддию техникӣ (аз ҷумла захираҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ) ва нишондиҳандаҳои дигар, ки мутобиқи Дастурҳои оперативӣ оид ба истифодабарии Низоми иттилоотии идоракунӣ барои мониторинги ҲРУ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ расман тасдиқ шудаанд</td></tr>
<tr><td>Нишондиҳандаҳои мақсаднок (миқдорӣ) ва натиҷаҳо</td><td colspan="3">Низоми иттилоотии идоракунӣ(НИИ), ки тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ, Марказҳои таълими калонсолон ва сохторҳои дахлдори идоракунӣ ва ёрирасонро дар бар мегирад (ҳамагӣ 110 муассиса) бо таҷҳизоти зарурии ТИ таъмин ва озмоиш карда шуда пурра кор дароварда шудааст; кормандони дахлдори (камаш як корманди) муассисаҳои дар боло зикршуда оид ба истифодаи НИИ омӯзонида шудаанд.</td></tr>
<tr><td>Истинод ба сиёсати давлатӣ/ҲРУ</td><td colspan="3">ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама<br>ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон<br>ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама</td></tr>
<tr><td>Шарҳи муфассали ташаббуси афзалиятнок</td><td colspan="3">Барои таҳия ва татбиқи низоми иттилооти идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар назар аст, ки Лоиҳаи КТ дар ин фаъолият кӯмак мекунад, аз ин рӯ аслан набояд хароҷоте аз ҳисбои хароҷоти буҷети давлатӣ дошта бошад.<br>Эҳтимолан, дар доираи лоиҳаи БИР дастгирӣ хоҳад ёфт, ки дар он оид ба ташаккули Низоми иттилооти идоракунии маориф аллакай фаъолият оғоз шудааст. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳамчун як зинаи соҳаи маориф бояд бо ин низом ҳамгиро шуда бошад. Хароҷоти ин тадбир шартан ҳисоб шудааст ва фаъолият дар ин самт давом дорад</td></tr>
<tr><td>Истинод ба СМРМ 2030/Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон 20215-2025</td><td colspan="3">4.3.2 -«Ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии электронӣ ва модернизатсияи системаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК); 4.5.3 - «Такмили системаи иттилоотии идоракунии маориф (СМТ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»/ нақшаи чорабиниҳо банди 124.3 Таҳия ва татбиқи механизми баҳисобгирии шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ</td></tr>
</table>

| Хароҷот барои гурӯҳбандии иқтисодӣ (ҳазор сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|
| *солҳо* | *2025* | *2026* | *2027* |
| **Ҳамагӣ** | **9850** | | |
| *аз ҷумла* | | | |
| Хароҷот барои мол ва хизматрасониҳо (2215), | | | |
| Хароҷоти асосӣ (2814) | **9850** | | |

**1. Таълим ва таҳсилоти ибтидоии касбии(ТТИК) рақамӣ**

| | |
|---|---|
| Мақсади ташаббуси нави афзалиятнок | Барнома ва нақшаҳои таълимии рақамӣ дар сатҳи ТТИК ташаккул ёфта, технологияҳои рақамӣ дар ТТИК истифодашаванда ташаккул ёфтаанд. |
| Нишондиҳандаҳои мақсаднок (миқдорӣ) ва натиҷаҳо | Соли аввал: Ҳадди ақал 90% омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ, ки ба таълими на камтар аз 5 касби афзалиятноки ТТИК, ки аз ҷониби ВММША ҶТ муайян карда шудаанд, оид ба истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар татбиқи таҳсилоти ибтидоии касбӣ омӯзонида шудаанд;<br>Соли дуюм: Маҷмӯи маводи таълимӣ ва методӣ барои ҳадди ақал 5 ихтисоси афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ рақамӣ, санҷида ва расман тасдиқ карда шудаанд.<br>Соли сеюм: Ҳадди ақал 5 ихтисоси афзалиятнок дар МТИК ва МТК бо усули рақамӣ омузонида мешавад ва бо таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ мутобиқ ба стандартҳои нави тасдиқшуда таъмин шудаанд |
| Истинод ба сиёсати давлатӣ/ҲРУ | ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама<br>ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон<br>ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама |
| Шарҳи муфассали ташаббуси афзалиятнок | Ҷиҳати иҷрои тадбири мазкур лоиҳаи кумаки техникии ИА фаъолиятро оғоз намудааст ва дар самти интихоби ихтисосҳо, таҳия, такмил ва озмоиши барномаҳои таълимии рақамӣ мутахассисони маҳалливу байналмилалӣ фаъолият карда истодаанд. Аз ин сабаб хароҷот барои таҳияи мавод ва омузиши омузгорон ба инбобат гирифта нашудааст. Хароҷоти пешбинишуда барои таҷҳизонидани муассисаҳои интхобшуда бо технологияҳои муосир равона карда мешавад. Ҳисобҳо пешакӣ буда, дар рафти иҷрои корҳои мушаххас карда мешаванд. |
| Истинод ба СМРМ 2030/Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон 20215-2025 | 4.3.3 - «Таъмини фарогирӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»;<br>4.3.7 - «Татбиқи низоми устувори такмили пайвастаи касбӣ дар ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ». |

| Хароҷот барои гурӯҳбандии иқтисодӣ (ҳазор сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|
| *солҳо* | *2025* | *2026* | *2027* |
| **Ҳамагӣ** | | | |
| *аз ҷумла* | | | |
| Хароҷот барои мол ва хизматрасониҳо (2215), | | | |
| Хароҷоти асосӣ (2814) | | **500** | |

<table>
<tr><td colspan="4"></td></tr>
<tr><td colspan="4">Дархост барои маблағгузории ташаббусҳои нави буҷетӣ дар солҳои 2025-2027</td></tr>
<tr><td colspan="4">Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td>Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ</td><td colspan="3"></td></tr>
<tr><td></td><td colspan="3"></td></tr>
<tr><td colspan="4">Ҳазор сомонӣ</td></tr>
<tr><td></td><td>2025</td><td>2026</td><td>2027</td></tr>
<tr><td>1) Фарогирии бештари шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл тавассути ташкили хадамоти фосилавӣ ба аҳолӣ (нақшаҳо)</td><td>-</td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>МАБЛАҒИ УМУМӢ</td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">Шарҳи муфассал ва асоснокии дархост</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ташаббусҳои мазкур дар доираи иҷрои Фармоиши Вазорат аз 23 феврали соли 2024, №21 “дар бораи ҷойгир намудани Марказҳои шуғли фосилавӣ” ба нақша гирифта шудааст. Дар назар аст, ки барои амалӣ намудани тадбирҳои мазкур инчунин кумаки техникӣ ва маблағгузории беруна низ ҷалб карда мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки Дархости мазкур ҳамчун зербарномаи алоҳидаи Барномаи буҷетии TDM 000 Танзими давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғл бо номи “Хадамоти фосилавӣ барои шуғл” дар буҷети Дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешбинӣ карда шавад.</td></tr>
<tr><td colspan="4">Дархост барои маблағгузории тадбирҳои нав</td></tr>
<tr><td colspan="4">1. Фарогирии бештари шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл тавассути барномаҳои соҳавӣ (нақшаҳо)</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| Мақсади ташаббуси нави афзалиятнок | Ҷалби бештари шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл, таъмин намудан бо ҷойҳои кории доимӣ ва омода намудани кувваҳои корӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар |
| Нишондиҳандаҳои мақсаднок (миқдорӣ) ва натиҷаҳо | Бо амалӣ намудани ин ташаббус бокортаъминкунӣ ба андозаи 25 фоиз, ва ҷалб ба омӯзиш 20 фоиз ва маҷмуан бо шуѓл фаро гирифтагон ба ҳисоби миёна то 20 фоиз афзоиш меёбад. |
| Истинод ба сиёсати давлатӣ/ҲРУ | ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама |

Хароҷот дар гурӯҳбандии иқтисодӣ (ҳазор сомонӣ)

| *солҳо* | *2025* | *2026* | *2027* |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | | | |
| Хароҷот барои мол ва хизматрасониҳо (22), | **400** | **400** | **400** |
| Хароҷоти асосӣ (2814) | **200** | | |